# Маълумотномаи асосноккунандаи
# зарурати қабули лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429”

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429” ҷиҳати иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2022, №18937(27-5) дар асоси талаботи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Мавриди зикр мебошад, ки дар асоси талаботи моддаи 74 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби кори комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 қабул карда шуд, ки ба тамоми объектҳои сохтмонаш анҷомёфта, новобаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ, шакли моликият ва аҳамияти таъинотии бино ва иншоотҳо дахл дошта, тартиби ба истифода қабул намудани объекти сохтмонашон анҷомёфта, таҷдид, васеъкунӣ, аз нав таҷҳизондани техникӣ, барқарорсозӣ, инчунин таъмири асосии корхонаҳо, навбатҳои ҷудогонаи онҳо, маҷмуаҳои бакордароянда, бино ва иншоотро муқарар менамояд.

Тибқи банди 24 Тартиби мазкур дар ҳолате, ки агар манзилҳо ва хонаҷоҳои дохилӣ-берунии ошёнаҳои поёнӣ мутобиқи шартҳои шартномаи пудратӣ дар асоси тиҷоратӣ фӯрухта шаванд, ба истифода қабул намудани хонаҳои истиқоматӣ бе пардози дохилӣ ва тақсимоти ҳуҷраҳои дохили манзилҳо тавассути минбаъд ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба ҳуҷҷатҳои  лоиҳавию харҷномавӣ иҷозат дода мешавад. Дар шартномаи пудратӣ бояд талаботи техникии фармоишгар оид ба дараҷаи омодагии ҳуҷраҷои барои савдо пешбинишуда, ки аз тарафи моликони оянда пурра омода карда мешаванд, номгӯи корҳо, ҳаҷм, арзиш ва мухлати анҷоми онҳо аз тарафи фармоишгар муайяншуда ба назар гирифта шавад.

Вобаста ба масъалаи зикргардида, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз 9 декабри соли 2021, №29/2-475 муроҷиат карда, пешниҳод намудааст, ки мутобиқ ба иҷрои сархати шашуми банди 1 супориши протоколи ҷаласаи назоратии назди Раиси шаҳри Душанбе аз 29 ноябри соли 2021, №33 бо назардошти мушоҳида гардидани камбудиҳо аз ҷониби комиссияи давлатии қабули иншоот бобати дар биноҳои истиқоматӣ иҷро нагардидани корҳои андовакунию пардозгарии дохили ҳар як ҳуҷра, даҳлез, надоштани деворҳои байниҳуҷравӣ, пурра омода нагардидани шахтаҳои лифт, надоштани майдончаҳои зарурӣ дар ҳудуди наздиимоҷратӣ, дар ҷойҳои номувофиқ истифода гардидани гаҷдеворҳо, инчунин пайвасти бесифати шабакаҳои муҳандисии барқ, алоқа, обу корез ва гармӣ барои пешгирии ҳолатҳои зикршуда ва аз байн бурдани чунин

таҷриба ба бандҳои дахлдори Тартиби кории комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 тасдиқ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №153 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шаванд.

Дар робита бо ҳамин ҷиҳати ба танзим даровардани кори комиссияҳои давлатии қабул ва таъмини амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Тартиби кори комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 "Дар бораи Тартиби кори комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо" тасдиқ шудааст, ба миён омадааст.

Бо ҳамин мақсад бо лоиҳаи қарори мазкур бандҳои 10, 24 ва 26 Тартиб дар таҳрири нав ифода карда шуда, бандҳои $24^1$ ва $24^2$ илова карда мешаванд. Ҳамчунон дар бандҳои 55 ва56 калимаҳои "мақомоти назорати давлатии сохтмон" ва "мақомоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ" ва дар замимаҳои 1 ва 6 калимаҳои "Мақоми ваколатдори давлатии назорати меъморӣ ва шаҳрсозӣ" ва "Хадамоти давлатии назорати сохтмон" мувофиқан ба калимаҳои "Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ" иваз карда шуда, замимаҳои 3, 4 ва 5 Тартиб хориҷ карда мешаванд.

Қайд карда мешавад, ки лоиҳаи қарор бо дарназардошти хулосаи вазоратҳои адлия, молия ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таҷдид ва такмил дода шудааст.

Ҳамчунон лоиҳа қарор мувофиқи талаботи бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуд. Дар натиҷаи арзёбии идоравии зиддикоррупсионӣ дар лоиҳаҳои қарори мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда нашуданд.

Лоиҳаи қарори мазкур аз буҷети ҷумҳурӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони
назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон